**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ,
д.и.ф., профессор Маҳмадизода Н.Д.

«__17__» __феврали__ соли 2025

**НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №01**
**ҷаласаи ғайринавбатии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

**аз 14.02.2025** **ш. Душанбе**

**Раис:** д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ.
**Котиб:** Саидзода М.Ё.

**ИШТИРОК КАРДАНД:**, профессорон Зоир Ҷ.М., Имомов А.И., Иброҳимов С.И., Шарипов Т.Ш., н.и.ҳ., Холиқзода А.Ғ.
**ДАЪВАТШУДАГОН**: дотсентон Миралиев Э.Б., Камолов З.А., Мирзоахмедов Ф., Холиқзода Ш.Л.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Муҳокимаи диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ)

**Роҳбари илмӣ**: Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор – сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

**Шунида шуд:** оид ба масъалаи мазкур докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмарагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, қайд карданд, ки ҳамаи эроду тавсияҳо ва пешниҳодҳои манзургардидаро ба инобат гирифта, дар мухлати муайянгардида ислоҳ ва иҷро намуда, доир ба ин маълумотнома пешниҳод кардааст.

Доир ба аҳаммияти кор докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом пурра гузориш дод.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби Зоир Ҷ.М., Имомов А.И., Иброҳимов С.И. ба докторанти фалсафа (PhD) саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Сайдализода Орзу Илҳом ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан, роҳбари илмии ӯ профессор Шарипов Т.Ш. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Сайдализода Орзу Илҳом суханронӣ намуда, иброз дошт, ки докторанти фалсафа (PhD) қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир, аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар аз ҷумла, дотсентон Миралиев Э.Б., Камолов З.А., Мирзоахмедов Ф., Холиқзода Ш.Л. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холиқзода А.Ғ., баромад намуда, ба докторанти фалсафа (PhD) тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми докторанти фалсафа (PhD)-ро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Сайдализода Орзу Илҳом муҳаққиқи ҷавони пурмасъул буда, муаллифи 14 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва долихимуассисавӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани

пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба «Субъекти махсуси ҷиноят» мусоидат менамоянд.

Докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи шуъба, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 14.02.2025, №01 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ:-10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 10 нафар, “зид” -нест, “бетараф”-нест.

**Раисикунанда,**
Ходими калони илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
д.и.ҳ., профессор, **Миралиизода И.Қ.**

**Котиби ҷаласа** **Саидзода М.Ё.**

Имзои Миралиизода И.Қ. ва
Саидзода М.Ё.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони ШК ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.
14.02.2025